Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-029-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ – диншиносӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ)

Диссертатсияи Одинаев Б.А. дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ – диншиносӣ» ба яке аз масъалаҳои мубрами илми диншиносӣ – институти оила дар зардуштия ва ислом бахшида шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба ихтисоси 6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ пурра мутобиқат мекунад.

Аҳамияти таҳқиқи он имрӯз дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки барои оила метавонад паёмадҳои манфӣ низ дошта бошад, ниҳоят муҳим аст. Ба хусус дар шароити рушди давлатдории миллӣ ва дунявӣ истифодаи таҷрибаи таърихии наслҳои гузашта дар ин самт барои ҳалли масоили ташаккули оила ва мақоми он дар ҷомеа аҳамияти зиёдро касб намудааст. Дар робита ба ҳамин масъала зарурияти таҳқиқи таносуби оила дар зардуштия ва ислом ба миён меояд. Зеро тоҷикон дар тӯли таърихи хеш, асосан, ду марҳилаи рушди институти оиларо аз сар гузаронидаанд. Аз ин нигоҳ, таҳқиқи муқоисавии ин ду давра метавонад имрӯз дар ҳалли мушкилоти масъалаи мазкур нақши муҳим бозад.

Оила яке аз рукнҳои муҳим ва асосии ҷомеа ба ҳисоб рафта, дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва шаҳрвандӣ ҷойгоҳи хос дорад ва дар ташаккул ва рушди шахсият нақши муҳим дошта, ҳамчун нахуствоҳиди ҷомеа дар тараққиёти он саҳмгузор аст. Инсон нахустин асосҳои феълу рафтор, кирдор, муносибат ба худ ва дигарон, муносибат ба меҳнат ва ҳаёти ҷомеаро маҳз аз оила мегирад. Оила ба никоҳ

асос ёфта, дар заминаи муҳаббати пок, баробарҳуқуқии зану мард дар муносибатҳои оилавӣ, давом додани насл, таълим ва тарбияи дурусти фарзандон ва аъзоёни оила шакл мегирад.

Омӯзиши таърихӣ-диншиносии институти оила дар зардуштия ва ислом имкон медиҳад, ки мазмуну муҳтаво ва аҳамиятнокии он барои имрӯз муайян карда шавад. Азбаски зардуштия дини миллии тоҷикон-эрониён буд, бинобар ин, баррасии таълимоти он доир ба оила дар асоси талаботи ҷомеа ва созгор ба муҳити тоҷикон саривақтист. Зеро ташкили оилаи солим ва пойдории он бе мавҷудияти таҷрибаҳо имконнопазир мебошад. Дар зардуштия инсонҳо оиларо ҳамчун рукни пок ва муқаддас меҳисобиданд. Институти оила дар зардуштия тавассути меъёрҳои динию одатӣ шакл гирифта буд, ки аҳамияти баланди иҷтимоӣ дошт. Зардуштиён ҳангоми бастани ақди никоҳ ва бунёди институти оила амалҳои одатиеро анҷом медоданд, ки ҳар яки онҳо рамзеро ифода менамуд. Муҳтавои одатҳои рамзӣ бошанд баёнгари ғалабаи некӣ бар бадӣ ба ҳисоб мерафтанд. Таълимоти зардуштия дар тӯли мавҷудияти худ нисбат ба оила, зан, модар, кӯдак, фарзандхонӣ, никоҳ, шартҳои никоҳ, талоқ ва дигар паҳлӯҳои институти оила меъёрҳои дахлдорро пешбинӣ намуда, ин падидаҳоро ҳамаҷониба мавриди ҳифозат қарор додааст.

Пас аз зардуштия ташаккули минбаъдаи институти оила тавассути меъёрҳои исломӣ роҳандозӣ шудааст. Бояд қайд намуд, ки дини ислом дар сарзамине зуҳур намуд, ки дар он, шакли идоракунӣ авлодию қабилавӣ буд ва институти оила дар асоси талаботи сохти мазкур ва амалҳои ҷоҳилонаи арабҳо зери бӯҳрони шадиди мардсолорию занситезӣ қарор дошт. Бо пайдоиши ислом зан то андозае ҳуқуқҳои муайянро соҳиб шуд ва аз баъзе анъанаву одатҳои замони ҷоҳилият раҳо ёфт, вале нобаробарии иҷтимоии зану мард дар байни арабҳо замони ислом низ боқӣ монда, дар шариати ислом ҳукми қонунро гирифт.

**Саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ дида шуда,** қайд карда мешавад, ки омӯзиши таърихӣ-диншиносии институти оила дар зардуштия ва ислом барои ҷомеаи имрӯза аҳамияти калон дорад, зеро дар замони муосир низ мусулмонон ба вижа тоҷикон бунёди оиларо

дар радифи ба қайдгирии давлатӣ-қонунӣ аз рӯи одатҳои динӣ низ анҷом медиҳад.

Бешубҳа, Одинаев Б.А. ҷиҳати омӯзиш ва таҳқиқи амиқи таърихию диншиносии ниҳоди оила дар зардуштия ва ислом диссертатсияро ба анҷом расонда, дар ду боб паҳлуҳои муҳими масъалаи мазкурро таҳлилу баррасӣ намудааст.

Боби якуми диссертатсия «Институти оила дар зардуштия» ном гирифта, аз се зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби якум – «Заминаҳои иҷтимоии ташаккули институти оила дар зардуштия» буда, муаллиф зимни таҳқиқот заминаҳои иҷтимоии ташаккули институти оиларо дар зардуштия мушаххас нишон додааст. Зербоби дуюми боби якум – «Таълимоти зардуштия дар бораи оила» мебошад. Муаллиф дар он иброз намудааст, ки дар таълимоти зардуштия барпо намудани оила бисёр кори писандида ва амали муқаддас ба шумор меравад. Аз он саркашӣ кардан ва ихтиёри зиндагӣ ба ҳолати танҳоӣ амали номисанд ва мавриди накуҳиш мебошад. Зербоби сеюми боби якум бошад «Таҳаввули институти оила дар зардуштия» номгузорӣ шудааст, ки диссертант зимни таҳқиқоти худ навиштааст, ки зардуштия аз маъруфтарин оини бостонии халқҳои эронитабор буда, ба номи асосгузораш Зардушт мансуб аст. Институти оила дар зардуштия дар ибтидо бо усули якканикоҳӣ бунёд карда мешуд. Зеро дар он баробарии марду зан дар тамоми паҳлуҳои зиндагӣ ба назар гирифта мешуд.

Боби дуюми диссертатсия «Таълимоти ислом дар бораи институти оила» ном гирифта, он низ аз се зербоб иборат мебошад. Зербоби якуми боби дуюм – «Пайдоиш ва ташаккули институти оила дар ислом» унвон гирифта, муаллиф зимни он издивоҷ ва ташкили хонаводаро расидагӣ кардан ба талаботи фитрӣ – табиӣ ва иҷтимоӣ – таърихӣ донистааст. Зербоби дуюми боби дуюм – «Таълимоти ислом оид ба низоми оиладорӣ» ном гирифта, диссертант дар он қайд намудааст, ки никоҳ дар ислом шартномаи ҳамзистии зану шавҳарро мемонад, ки танҳо дар асоси ризоияти дутарафа сурат гирифта, дар ҳолатҳои истисноӣ аз роҳи талоқ

бекор карда мешавад. Никоҳ бояд сабаби оромиш ва боварию эътимоди зану шавҳар ва фарзандони ояндаи онҳо бошад. Зербоби сеюми боби дуюм бошад «Таҳлили муқоисавии институти оила дар зардуштия ва ислом» ногузорӣ шудааст. Муаллиф дар он овардааст, ки таҳлили муқоисавии диншиносию таърихии таълимоти зардуштия ва ислом нишон медиҳад, ки дар миёни ин ду таълимоти динӣ то андозае таносуб мавҷуд мебошад. Яъне вобаста ба як қатор масъалаҳо ҳар ду таълимот бо ҳам алоқаманд буда, дар баъзе масъалаҳои дигар байни онҳо тафовут ҷой дорад. Масалан: интихоби ҳамсар; синни булуғ; ғуломии зан; гувоҳии зан; муносибат бо зане, ки дар одати моҳона қарор дорад; исқоти ҷанин; маросими дафн; вақти иҷрои маросими дафн; тақсими мерос; шитоб дар издивоҷ; хостгорӣ; ҳадаф аз ташкили ниҳоди оила; қобилияти ҳуқуқдорӣ; дахлнопазирии манзил; таъмини махориҷи ҳамсар ва ғайра.

Мулоҳизаҳои муаллиф вобаста ба масъалаи болозикр дар заминаи равишҳои муътабари таҳлилӣ асоснок карда шудаанд.

Бояд гуфт, ки паҳлуҳои мухталифи масъалаи институти оила дар зардуштия ва ислом дар алоҳидагӣ ва мухтасаран дар илмҳои фалсафа, таърих ва ҳуқуқшиносӣ қарор гирифтаанд. Вале, масъалаи институти оила дар зардуштия ва ислом то кунун мавзуи таҳқиқоти илмии таърихӣ-диншиносии махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор нагирифтааст.

Бинобар ин, навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро диссертант ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудааст:

– масоили таърихӣ-диншиносии институти оила дар зардуштия ва ислом аз диди намояндагони гуногуни илмҳои таърих ва диншиносӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, хусусиятҳои таърихӣ-динии заминаҳои иҷтимоии ташаккули институти оиларо дар зардуштия муайян намудааст;

– таълимоти зардуштияро дар бораи оила аз нуктаи назари таърихӣ-диншиносӣ мавриди омӯзиш қарор дода, ҷанбаҳои дар таҳкими оилаҳои имрӯза мусоидаткунандаи онро муайян намудааст;

– бори нахуст омӯзиши таърихию диншиносии оила ва оиладорӣ, тартиби бастан ва қатъ гардидани никоҳ ва дигар паҳлуҳои институти оила

дар таълимоти ислом дар доираи як таҳқиқоти маҷмӯӣ ба иҷро расонида шудааст;

– таҳлили муқоисавии институти оила дар зардуштия ва ислом гузаронида шуда, арзиш ва аҳаммияти муқаддасоти оиладорӣ дар фарҳангу тамаддуни зардуштия ва ислом ҷиҳати бунёди ҷомеаи солим муайян карда шудааст.

Муаллиф ҳамаи он вазифаю мақсадҳое, ки дар рисола пеш гузоштааст, ҳал намудааст. Ҳамин тавр, таҳлили рисолаи мазкур дарак медиҳад, ки Одинаев Б.А. дар самти масоили диншиносӣ кори арзишманд ва шоистаи дастгириро анҷом додааст. Сарчашмаҳои истифода намудааш аз манобеи муътабари илмӣ мебошад, ки ин аз мавҷудияти қобилияти мустақилона пеш бурдани корҳои илмӣ аз тарафи муаллиф дарак медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ буда, мазмуну муҳтавои онро дарбар гирифтаанд.

Аз ин рӯ, ҳамчун роҳбари илмӣ таҳқиқоти диссертатсионии Одинаев Б.А. – ро дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ - диншиносӣ» анҷомёфта ҳисобида, онро мусбӣ арзёбӣ менамоям ва барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) сазовор дониста, тавсия медиҳам.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи онтология
ва назарияи маърифати
факултети фалсафаи ДМТ Худойдодзода Ф.Б.

Имзои Худойдодзода Ф.Б.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«28» 11 2023 с.